*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63*
*назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва*
*соҳибкории Тоҷикистон*
*(ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзӯи “Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06–Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод гардидааст.**

Автореферати диссертатсия ба масъалаи муҳими рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити иқтисоди бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дорои муҳтавои назариявӣ, методологӣ ва амалии баланд мебошад. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили илмӣ, таҳқиқоти институтсионалӣ ва таҷрибаи амалии рушди соҳибкорӣ, тавонистааст масоили муҳими ташкил ва густариши ин равандро дар шароити кишвар омӯхта, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои мушаххас пешниҳод намояд.

Муаллиф дар боби аввал асосҳои назариявию методологии рушди соҳибкории истеҳсолиро шарҳ медиҳад. Дар ин қисмат мафҳум, принсипҳо ва усулҳои таҳлили равандҳои соҳибкории истеҳсолӣ баррасӣ шуда, асосҳои методологии таҳқиқ бо такя ба равияҳои муосири илмии иқтисодӣ муайян мегарданд(саҳ. 16-23).

Дар боби дуюм диққат ба таҳлили субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун “нуқтаҳои институтсионалии рушд” равона шудааст. Муаллиф тавонистааст нақши ин субъектҳоро дар ташаккули иқтисоди миллӣ ва рушди минбаъдаи он нишон диҳад. Таъкид шудааст, ки соҳибкории истеҳсолӣ на танҳо ҳамчун воситаи таъмини ҷойҳои корӣ, балки ҳамчун муҳаррики рушд ва навовариҳо баромад мекунад (саҳ. 23-38).

Боби сеюм ба таҳқиқи асосҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди афзалиятноки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат бахшида шудааст. Муаллиф омилҳои асосии таъсиррасон, аз ҷумла инфрасохтор, дастгирии давлатӣ, сиёсати қарздиҳӣ ва имкониятҳои содиротиро омӯхта, пешниҳодҳои муфид бароиислоҳот ва ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ дар саноат пешкаш намудааст (саҳ. 38-44).

Дар боби чаҳорум вазъи кунунӣ ва мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар комплекси агросаноатӣ таҳлил мегардад. Муаллиф омилҳои манфӣ, монанди набудани таҷҳизоти муосир, камбуди захираҳои молиявӣ, паст будани сатҳи рақобатпазирӣ ва норасоии дастгирии давлатро номбар карда, дар баробари он роҳҳои бартарафсозии ин мушкилотро пешниҳод намудааст (саҳ. 44-47).

Боби панҷум ба таҳлили афзалиятҳои стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дурнамои стратегии ин бахшро дар асоси афзалиятҳои захиравии кишвар, имкониятҳои содиротӣ ва ҷойгиршавии геостратегӣ баҳогузорӣ карда, самтҳоиояндадорро муайян намудааст (саҳ. 47-54).

Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбат ва арзишманди кори диссертатсионӣ, дар автореферат ҳамчунин як қатор норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки қобили таъкид мебошанд.

1. Дар кор бештар ба ҳолати дохилии Тоҷикистон такя шудааст, аммо муфассал таҳлили таҷрибаи давлатҳои муваффақ дар соҳаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ кам оварда шудааст. Ин гуна муқоисаҳо метавонанд ба таҳияи тавсияҳои муассир кумак расонанд.

Таъкид намудан зарур аст, ки эроди мазкур, моҳияти илмию амалидоштаи автореферати диссертатсияро коҳиш намедиҳад ва бештар хислати тавсиявӣ дорад. Автореферат бо муҳтавои илмии амиқ, таҳлили муфассал ва пешниҳодҳои амалии мушаххас фарқ мекунад. Матни кор мутобиқи талаботи илмӣ таҳия гардида, масъалаи муҳими рушди иқтисодиро дар доираи мавзӯи таҳқиқ бо забони дақиқ ва услуби илмӣ ифода мекунад.

Муаллиф ба таври муваффақона тавонистааст муҳимияти рушди соҳибкории истеҳсолиро дар соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ нишон диҳад ва бо таҳлили ҳолати воқеии соҳа, тавсияҳои амалӣ пешниҳод намояд, ки метавонанд дар таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва барномаҳои рушд истифода шаванд.

Автореферати диссертатсия дар мавзӯи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон" ба талаботи "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он Субҳонзода Икром Субҳон сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

11.08.25

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru